## ҚАРОРИ

**ҷаласаи Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 27 августи соли 2021** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 таҳқиқоти диссертатсионии Назаров Давлатхон Қурбонмуродовичро дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (роҳбари илмӣ: Икрами Заррух Алимович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТАМИНОТ24» (Ҷумҳурии Қазоқистон) мушовири илмӣ: Раҷабов Саитумбар Адинаевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), пешниҳод шудааст, ҳамчунин тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Маликова Азиза Хорисовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи ҳуқуқ ва фалсафаи Донишгоҳи давлатии иқтисодии Самара (Федератсияи Россия); Мансуров Умед Абдуфаттоҳович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, баромади аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Буризода Э.Б., Неъматов А.Р., Сангинов Д.Ш., Маҳмудзода М.А., Диноршоҳ А.М. ва номзадони илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шонасридинов Н., Маҳмадуллозода Н.М., Раҷабов Ф.Н., Мансуров У.А.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳ будан, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

### ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими

ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшининосӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, ба Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ диҳад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**